# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст**

Айнулқузоти Ҳамадонӣ ориф, шоир, нависанда, муфассири Қуръон ва фақеҳи маъруфи аҳди Салҷуқиён мебошад, ки дар тӯли умри кӯтоҳи 35-солааш осори мондагоре дар адаб, ирфон ва маорифи исломӣ ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ аз худ ба ёдгор гузоштааст. Аҳамияти осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ба вижа “Номаҳо”-и ӯ ва зарурати таҳқиқи онро дар рушди афкори адабиву ирфонии форсу тоҷик муаррихони адабиёти форсизабон борҳо таъкид кардаанд, вале ҷойи чунин таҳқиқ дар адабпажуҳии тоҷикӣ то кунун холӣ буд. Ҷойи таъкид ва таҳсин аст, ки Ҳалимҷон Зоиров бо рисолаи ба муҳокима пешниҳоднамудаи худ талош кардааст ин холигоҳро дар адабпажуҳии мо пур кунад.

Диссертатсияи доктории Ҳалимҷон Зоиров «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» унвон дошта, аз муқаддима, чор боб, 17 фаслу 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддимаи диссертатсия перомуни мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет ва асосҳои назариявии таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва ғайра баҳс намуда, дар

чор боби рисола ба ҳаллу фасли вазифаҳои дар наздаш гузошташуда пардохтааст.

“Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо дар миёни осори адабиву ирфонии ин суханвар ҷойгоҳи вижа доранд, балки ба мухтассоти адабиву услубӣ ва забону шеваи нигориши хоси худ аз беҳтарин намунаҳои насри аҳди Салҷуқиён эътироф шудаанд ва дар рушди адабиёти ирфонӣ ва таҳаввули номанигории форсӣ-тоҷикӣ нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мукаммал ва ҳамаҷонибаи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар насри форсу тоҷики асри XII ба унвони ҳадафи аслии таълифи рисолаи Ҳалимҷон Зоиров қарор гирифтааст.

Барои расидан ба ҳадафи мазкур муаллиф дар боби якуми рисола – “Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ”, ки шомили чор фасл аст, нахуст ба баррасии зиндагинома, мероси адабиву ирфонӣ, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ рӯй овардааст, зеро дар мавридҳои ном, кунияту лақаб, замони таваллуду шаҳодат, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби ӯ дар осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баъзе ноҳамгунӣ ва ихтилофи назарҳо ҷой доранд. Муаллифи рисола кӯшиш ба харҷ додааст, ки мавридҳои мазкурро бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои муътабари илмию адабӣ мунсифона ба риштаи таҳқиқ кашад. Натиҷаи ҳамин кӯшиши Ҳалимҷон Зоиров аст, ки бархе аз укдаҳои мавҷуд дар баррасии рӯзгор ва осори илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар рисола кушода шудааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз зумраи нахустин суханварони ориф буд, ки қолаби номаро дар хидмати нигориш ва баёни матолиби ирфонӣ гузоштаанд ва бад-ин васила ба пайдоишу таттаввури номаҳои ирфонӣ чун навъи ҷадиди номанигории форсӣ-тоҷикӣ асос гузоштаанд. Ба ин маънӣ, “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз як сӯ марҳилаи наве дар таърихи номанигории форсӣ-тоҷикӣ мебошанд, аз ҷониби дигар онҳо мазҳари идомаи ойин ва суннатҳои номанигории Эронзамини таърихӣ то замони

Салҷуқиён маҳсуб мешаванд. Дар таъйиди ин матлаб муаллифи рисола дар боби дувуми рисола, ки “Таърихи таТаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ” унвон дорад, таҳқиқе дар таърихи пайдоиш ва таҳаввули номанигорӣ аз замони пайдоиши хат ва оғози нигориши номаҳо то даврони Салҷуқиён анҷом дода ва заминае муносиброро барои таҳқиқ ва таъйини мухтассоти “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар қиёс бо номаҳои адвори қаблӣ дар бобҳои баъдии рисола фароҳам овардааст.

Боби сеюм – “Вижагиҳои адабиву услубии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ” ва боби чоруми рисола - “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ” мустақиман ба таҳқиқи “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ тахсис ёфтаанд. Дар ин бахши пажуҳиш муаллиф бо такя ба нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои “Номаҳо”-и Айнулқузот дар муайян кардани мухтассот ва вижагиҳои адабиву услубӣ ва шеваи нигориши номаҳо ба тавфиқ даст ёфта, афзун бар ин аҳамияти ин асари Айнулқузоти Ҳамадониро ҳамчун сарчашмаи адабӣ дар тасҳеҳ ва танқеҳи ашъори суханварони қарнҳои IX-XII ба субут расонидааст.

Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ҷараён гирифтааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқоти Зоиров Ҳ., пеш аз ҳама, дар он аст, ки метавонад ба омӯзиши минбаъдаи таърих ва назарияи номанигорӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии номаҳои суханварони дигари асри XII ва қарнҳои баъдӣ, таҳқиқи паҳлуҳои номакшуфи мероси адабӣ ва ирфонии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мусоидат намоянд. Натиҷаҳои амалии диссертатсияро ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, таърих ва назарияи номанигорӣ, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, нусхашиносӣ ва ғ. метавон истифода намуд.

Навгонии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи рисола рӯзгор ва осори Айнулқузоти Ҳамадониро бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимоди форсӣ ва арабӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ихтилофи андешаҳое, ки дар мавриди ном, куният у лақаб, замони таваллуду вафот, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби ӯ байни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҷой доштанд, ҳаллу фасл намудааст. Афзун ба ин, соҳиби рисола бори нахуст дар таърихи адабиёти тоҷик "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадониро ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, дар баробари вижагиҳои адабию услубӣ ҷойгоҳи онро дар насри форсу тоҷики асри XII муайян кардааст.

Хулосаҳои аз натиҷаи пажуҳиш бадастовардаи муаллифи рисола эътимоднок буда, тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот тазаккурёфта асоси қавии илмӣ доранд.

Муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷмуъ 65 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 24 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 адад дар маҷмуаҳои илмии хориҷ аз кишвар ва 38 адад дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои илмӣ чоп шудаанд, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Рисолаи доктории Ҳалимҷон Зоировро метавон чун талоше муваффақ дар пажуҳиши як саҳифаи муҳим ва тобноки адабиёти тоҷик арзёбӣ кард. Лозим ба таъкид аст, ки муаллифи рисола аз зумраи пажуҳишгарони кӯшо ва пуркор буда, рисолаи баанҷомрасонидааш маҳсули ковишҳои илмии бистсолаи ӯст. Фазилатҳои пажуҳишӣ ва дастовардҳои илмии рисолаи ӯ имкон медиҳанд, ки камина ба унвони мушовири илмӣ онро ба муҳокимаи кафедра, зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя пешниҳод кунам ва таваққуи онро дошта бошам, ки устодони гиромӣ бо тавсияву машваратҳои судманди худ дар афзудани муҳассаноти илмии рисола саҳмгузор хоҳанд буд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи "Номаҳо"-и ӯ дар насри форсу

тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» ва автореферати он, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.


Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ, Сафири фавқулода
ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар
Ҷумҳурии Исломии Эрон **Зоҳидӣ Низомиддин Шамсиддинзода**
« 8 » ноябри соли 2023
**Маълумот барои тамос**:
Теҳрон, Ниёварон, хиёбони Шаҳид
Зайналӣ, кӯчаи 3, хонаи 10
E-mail: znsh_57@mail.ru
Тел.: +9821 222 99 584


«Имзои профессор Зоҳидӣ Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам»:
Масъули бахши кадрҳои Сафорат Азимов Баҳром


**Маълумот барои тамос:**
Теҳрон, Ниёварон, хиёбони Шаҳид
Зайналӣ, кӯчаи 3, хонаи 10
www.tajembiran.tj
E-mail: tajemb.iran@gmail.com
Тел.: (+9821) 22299584, 22834650

« 9 » ноябри соли 2023